Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №______

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19 декабри соли 2023, №17

Барои сазовор донистани Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 10 октябри соли 2023, суратмаҷлиси №15 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ, 14 июни соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Номбурда соли 1998 баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7 ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, соли 2003 онро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз моҳи феврали соли 2004 Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ ба ҳайси кормӯз ба вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Фирдавсии

шаҳри Душанбе ба кор қабул карда шуда, минбаъд дар вазифаҳои гуногуни мақомот фаъолият намуда, айни замон муовини прокурори шаҳри Душанбе мебошад. Ҳамзамон, ӯ ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз феврали соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи бучавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 25 феврали соли 2021, №50 У/К).

Мавзуи диссертатсия – “Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2021, №11/65 тасдиқ гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) иҷро гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои он борҳо муҳокима гардида, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия гардидааст (аз 15 майи соли 2023, суратмаҷлиси кафедра №10)). Диссертатсия дар ҷаласаи Шурои васеи олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27

майи соли 2023, суратмаҷлиси №10) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Роҳбари илмӣ:

Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

Қиёмидинов Саидходҷа Амриддинович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири директори генералӣ-сардори шуъбаи аудити дохилии Ҷамъияти саҳомии кушодаи "НБО Роғун".

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи "Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тақризи мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда:

Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии "Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" (шаҳри Душанбе, кучаи Мастонгулов, 3). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби муқарриз Вализода Наврӯз Дустмурод, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ), сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъкурии факултети 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардидааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33,

34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Раҷабзода, М.С. Сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (48). – С. 174-178. ISSN: 2410-2903.

**[2-M]** Раҷабзода, М.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2022. – №4/2 (59). – С. 310-318. ISSN: 2664-0651.

**[3-M]** Раҷабзода, М.С., Ғафурзода, А.Д. Аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти Прокуратура: зарурат ва танзими ҳуқуқии он [Матн] / М.С Раҷабзода., Ғафурзода А.Д. // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №1 (60). – С. 191-198. ISSN: 2664-0651.

**[4-M]** Раҷабзода, М.С. Принсипҳои асосии ташкилӣ ва баамалбарории фаъолият хизматӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (61). – С. 191-198. ISSN: 2664-0651.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-M]** Раҷабзода, М.С. Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар ҶТ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" 3 декабри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 369-374.

**[6-M]** Раҷабзода, М.С. Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунаии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он" 24 декабри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 150-162.

[7-М] Раҷабзода, М.С. Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатӣ дар мақомот ва муассисаҳои прокуратураи ҶТ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он" 22 майи соли 2022 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2022. – С. 125-134.

[8-М] Раҷабзода, М.С. Тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани кормандони прокурорӣ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал" 22 майи соли 2023 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2023. – С. 125-134.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Санавваров Ғ.Б. – мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии ДДҲБСТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

Соибов З.М. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Маҳмадшозода Ф.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ;

Халифазода М.Н. – Ёрдамчии калони Прокурори генералии ҶТ, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, номзади илмҳои сиёсӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок дошта, манзур гардидаанд. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура – ҳамчун хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳавулли хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ муқаррар ва марҳилабандӣ карда шудаанд;

– масоили назариявӣ ва амалии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ баррасӣ гардида, ҷиҳати такмил ва мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир, аз ҷумла, тавассути мукаммалгардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таклифҳои муфид пешниҳод шудаанд.

– таҳлили мазмун ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифро ба чунин хулоса расонид, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳифзи ҳуқуқиро амалӣ намуда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад;

– дар заминаи таҳлили принсипҳои низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи принсипҳои асосии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ муайян ва пешниҳод карда шудаанд;

– омӯзиши қонунгузории танзимкунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ норасоӣ ва номувофиқатии меъёрии ҳуқуқиро ошкор намуд, ки барои пурра ва бартараф намудани онҳо таклифҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд;

– вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи ҶТ таҳлил гардида, ҳадди ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулияти ҳуқуқии онҳо муайян карда шудааст;

– паҳлуҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, аз ҷумла, хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ таҳлил гардида, норасоиҳо ошкор ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод карда шудааст.

Як қатор мафҳумҳо дар рисола коркард гардида, таклифҳои алоҳида бобати тағйири моддаҳои дахлдори қонунгузории танзимкунандаи ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

– маводи рисолаи диссертатсионӣ донишҳои илмиро дар самти омӯзиш ва таҳлили танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта дар сатҳи қонунгузорӣ бартараф карда шаванд;

– бобати такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усули расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, таҳлил, диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ истифода гардидаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимон ватанию хориҷӣ ба монанди Раззоқов Б.Ҳ., Иброҳимов С.И., Ғафурзода А.Д., Диноршоҳ А.М., Ойев Х., Сотиволдиев Р.Ш., Ализода З.М., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Исмоилзода С.А., Қаҳҳоров А.А., Сайфиддинов А.А., Хусаинова Ш.М., Кенҷаев С., Мирзоева Қ., Муҳаммадиев И.С., Каримов К.М., Ғафуров М.С., Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б., Рустамзода Ҷ.Ю. ва олимони хориҷӣ, мисли Скобина Е.А., Шастина М.А., Жамкин А.С., Басков В.И., Братановский С.Н., Стрелников В.В., Мазурин С.Ф., Прокофев К.Г., Манохин В.М., Старилов Ю.Н., Ноздрачев А.Ф., Атаманчук Г.В., Смирнов А.В., Бахрах Д.Н., Какителашвили М.М., Кириллов А.А. ва дигарон дар раванди таҳияи диссертатсия омӯхта шудаанд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории маъмурии кишвар дар самти такмили танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои "Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳамзамон, ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки:

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи маъмурӣ, махсусан танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳои асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии давлатҳои хориҷӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳҳеҳона ва мусбии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои илмӣ, тавсия ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маъмурӣ пазируфташуда мазмуни ва моҳияти махсуси худро дошта, навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд;

– навгонӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин такмили минбаъдаи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра метавонанд мусоидат намоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгониҳои диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ

мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 19 декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ, аз 11 нафар аъзо, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст, 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктoрони илм 4 нафар ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, блютенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**19 декабри соли 2023**